Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA - 001 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исматуллои Сунъатулло дар мавзуи «Таъсири омилҳои миллию этникӣ ба равандҳои сиёсии Шарқи анъанавӣ (таҷрибаи Афғонистон)» аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

Дар шароити Афгонистони муосир омилҳои миллию этникӣ дар раванди сиёсӣ накши муҳим доранд. Афғонистон як давлати сермиллат ва аз ҷиҳати этникӣ гуногун буда, дар он даҳҳо гурӯҳҳои этникӣ, аз ҷумла паштунҳо, тоҷикон, ҳазорҳо, ӯзбекҳо, ғазиҳо, нурзайҳо ва дигарон зиндагӣ мекунанд. Дар муҳити гуногунии этникӣ, ташкили ҳукумат метавонад як раванди мураккаб бошад. Мунокишаҳои этникӣ метавонанд боиси моҷароҳои байни миллатҳо шаванд, махсусан дар заминаи муборизаҳо барои қудрат ва назорати захираҳо. Дар таърих чунин ихтилофҳо миёни паштунҳову тоҷикон ва ҳамчунин байни миллатҳои дигар борҳо ба вуҷуд омадаанд.

Ҳизбҳо ва ҷунбишҳои сиёсӣ дар Афғонистон аксаран ба мансубияти этникӣ асос ёфта, манфиатҳои гурӯҳҳои муайяни аҳолиро намояндагӣ мекунанд. Чунин сатҳи мураккабии раванди сиёсӣ дар кишвар бухрони иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, низомӣ ва амниятиро шиддат гирифта, тазодҳо ва муқовиматҳо дар заминаи беадолатиҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ афзоиш медиҳанд. Манфиатҳои дигар халқиятҳо, гурӯҳҳои этникӣ ва сиёсӣ аз ҷониби толибон ба таври васеъ поймол гардида истодаанд, ки ин раванд бухрони Афғонистонро метезонад. Дар баробари ин, вазъияти нооромии сиёсӣ дар Афгонистон бештар ҷанбаи динию мазҳабиро дар худ фаро гирифтааст. Аз нигоҳи мазҳабӣ, Афғонистон як кишвари мусалмон аст, аммо дар кишвар гуногунмазҳабӣ вуҷуд дорад, аз ҷумла сунниҳо ва шиаҳо. Тафовутҳои мазҳабӣ низ метавонанд ба манбаи моҷаро ва ташаннуҷ дар арсаи сиёсӣ табдил ёбанд. Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти мавзуи мазкур бисёр мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Муаллифи рисола дуруст дарк кардааст, ки дар Афғонистон робитаҳои қавмию қабилавӣ дар рушди ҷомеа ва ҳаёти сиёсӣ накши муҳим доранд. Роҳбарони қавму қабилаҳо метавонанд ба қарорҳо ва равандҳои сиёсӣ таъсири назаррас дошта, дар аксари ҳолатҳо аз сохторҳои расмии ҳукумат иуркувваттаранд. Аз ин рӯ, ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли одилонаи масъалаи миллӣ дар Афғонистон яке аз муҳимтарин ҳадафҳои роҳбарияти давлат, ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ, гурӯҳҳои этникӣ ва иҷтимоӣ ба шумор меравад.

Махсусият ва навгонии рисолаи Исматуллои Суньатулло дар он ифода меёбад, ки масъалаи таъсири омилҳои миллию этникӣ ба равандҳои сиёсии кишварҳои Шарқи анъанавӣ дар мисоли Афғонистон бори аввал дар илмҳои сиёсии ватанӣ ба таври маҷмӯӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Аз ин рӯ, таҳқиқ ва омӯзиши омилҳои миллию этникӣ дар шароити Афгонистони муосир ва хусусиятҳои инкишофи он дар доираи илмҳои сиёсӣ ба сифати яке аз масъалаҳои муҳимму рӯзмарра арзёбӣ мегардад.

Дар автореферати диссертатсияи Исматуллои Суньатулло тавсифи мухтасари муқаддима, сатҳи умумии таҳқиқот, бобҳо ва зербобҳои рисола, баррасии натиҷаҳо, хулоса, тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳо ва феҳристи интишороти муаллиф нишон дода шудаанд. Муаллиф дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот ва дараҷаи омӯзиши онро асоснок намудааст. Дар тавсифи умумии таҳқиқот дар хусуси объекти таҳқиқот, мавзуъ, мақсад, асосҳои назариявию методологӣ, навгонии илмӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва ғайра ифода ёфтаанд.

Боби якуми диссертатсия масъалаҳои назариявию методологии таҳқиқи вазъияти миллию этникии Афғонистон, мақом ва ҷойгоҳи умумиятҳои миллию этникӣ дар он, нақши ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳои иҷтимоию этникӣ мавриди омӯзиш ва таҳлилу хулосагириҳо қарор гирифтаанд.

Дар боби дуюми рисола мавзуи моҳият ва хосиятҳои асосии назария ва амалияи федераликунонии Афғонистон баррасӣ шуда, муаллиф аз боби эҳтимолиятҳои истифодаи амалии таълимоти федерализм дар Афғонистон андеша меронад. Муаллиф мавқеи мухталифи мутахассисони соҳаро таҳлил намуда, пешниҳодоти мушаххасро дар мавриди таҳкими раванди сиёсии Афғонистони муосир нишон додааст.

Дар боби сеюми рисола, ки тартиби такмили муносибатҳои миллӣ-этникиро дар шароити кунунии Афғонистон мавриди омӯзиш қарор додааст, муаллиф мекӯшад, ки ҷойгоҳ ва мақоми қавмҳо, ақаллиятҳои миллӣ ва мардуми гуногуни кишварро дар раванди таҳкими муносибатҳои ҷомеаи анъанавии Афғонистон нишон диҳад.

Дар хулосаи рисола натиҷаҳо ва тавсияҳои муаллиф барои истифодаи амалии онҳо баён гардидаанд. Онҳо барои муайян кардани самтҳои асосии инкишофи давлати муосири Афгонистон мусоидат менамоянд.

Навоварӣ ва мустақилияти фикрӣ, эҷодӣ дар ҳама бахшҳои диссертатсия ба назар мерасад. Хулосаҳои муаллиф дар ҳама қисматҳои диссертатсия қобили таваҷҷуҳ ва шоистаи таҳсинанд. Аз ҷиҳати услуби илмӣ ва мантиқӣ диссертатсия ба талаботи лозима ҷавобгӯ мебошад.

Автореферат ва корҳои илмие, ки доир ба мавзуи таҳқиқотӣ чоп гардидаанд мазмуни асосии рисоларо ба таври васеъ инъикос менамоянд.

Инчунин бояд қайд кард, ки дар рисолаи тақризшаванда дар баробари натиҷаҳои мусбат баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Вазъияти нооромии сиёсии Афғонистон тули чандин солҳост, ки идома дорад. Чунин муддати тулонӣ бе дахолати кишварҳои хориҷӣ ба миён намеояд. Дар рисола чунин сабабҳои асосии бухрони Афғонистон таҳқиқ мегардид, мазмуну муҳтавои рисола боз ҳам ғанӣ мегардид;

2. Дар рисола муаллиф ба таҳлили муқоисавии ҳодисаҳо ва равандҳои сиёсии кишварҳои ҳамто чандон таваҷҷуҳ накардааст.

Дар маҷмӯъ, масъалаҳои пешниҳодгардида ба муҳтавои илмии таҳқиқот таъсир нарасонида, рисола аз назари таҳқиқоти илмӣ ва амалӣ бaанҷомрасида мебошад.

Дар асоси шиносоӣ бо автореферати диссертатсия метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки рисолаи унвонҷӯ Исматуллои Сунъатулло дар мавзуи «Таъсири омилҳои миллию этникӣ ба равандҳои сиёсии Шарқи анъанавӣ (таҷрибаи Афғонистон)» ба талаботи бандҳои «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори соҳиб гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

Ходими калони илмии Шуъбаи масоили
сиёсии муносибатҳои байналмилалии
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва
ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови
АМИТ, номзади илмҳои сиёсӣ Саидова Ф.С.

Суроға: ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ 33
Почта: fazilat.20@mail.ru,тел:939147742

Имзои Саидова Ф.С. - ро тасдиқ менамоям.
Нозири калони Шуъбаи кадрҳои ИФСҲ
АМИТ Абдураҳмонзода Б.А.